**Тақриз**

**ба диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Баҳри ғанӣ гардидани захираи луғавии забон дар ҷомеаи имрӯза корҳои илмию амалӣ анҷом дода мешаванд. Имрӯзҳо захираи луғавии забон на танҳо аз ҳисоби калимаю ибора ва вожаҳои содаи забон, балки ба туфайли калимаҳои нави мураккабу таркибӣ, иборахо, сохторҳои мураккаби хоси ҳар забон ва дигар вожаҳои забонӣ васеъ мегардад. Дар ин замина иҷрои корҳои таҳқиқотӣ иқдоми саривақтӣ ва актуалӣ ба назар мерасад.

Диссертатсияи Сафарзода Р.А. ба яке аз масъалаҳои муҳими вожаҳои мураккаб дар доираи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва хусусиятҳои тарҷумавии онҳо бахшида шуда, дар илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ саҳми арзанда мегузорад, зеро ин мавзуъ дар ҳоли ҳозир аз мавзуҳои мубрам маҳсуб меёбад. Диссертатсияи мазкур ба осори илмии назариявӣ ва амалии мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ асос гирифтааст, ки аҳамияти илмии корро боло бурдааст.

Гарчанде мавзуъ ва масъалаҳои калимасозӣ ва низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор ва аҳамияти омӯзишии он дар осори як қатор забоншиносони хориҷию ватанӣ, аз қабили О.Д. Мешков, Т.В. Андрюхина, Ю.И. Евтушевский, В.В. Мамонтова, П.В. Сарев, Т.А. Чавчавадзе, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов, О.Ҳ. Қосимов, С. Раҳматуллозода ва дигарон ба таври пароканда ва ҷудогона баррасӣ шуда бошад ҳам, масъалаи таҳлили низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор ҳанӯз дар доираи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи тарҷума мавриди таҳқиқоти махсуси илмӣ қарор нагирифтааст.

Нававарии илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он масъалаи таҳқиқи муқоисавӣ-типологии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредори забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар забоншиносии ватанӣ бори нахуст мавриди таҳқиқу таҳлил қарор мегардад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот онро дар бар мегирад, ки натиҷаҳои илмии диссертатсия асосҳои назариявии низоми воҳидҳои мураккаби луғавӣ ва таркибии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, аз ҷумла тарҷумашиносӣ аз лиҳози тарҷумаи ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ тақвият дода, метавонанд ба мутахассисони соҳа ҳамчун роҳнамои илмӣ хизмат намоянд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳои илмии муаллифи диссертатсия дар омӯзиши мавзуъ ва фанҳои ҷудогона оид ба низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор ва тарҷумаи онҳо, аз ҷумла омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври фаровон истифода гарданд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, зербобҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, мақсад ва вазифа, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объект ва предмет, навгонӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия масъалаи асосҳои лингвистии омӯзиши воҳидҳои мураккаби луғавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюми диссертатсияи мавриди тақриз таҳлили муқоисавии сохтор ва маънои воҳидҳои мураккаби луғавӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ матраҳ гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия хусусиятҳои тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ номгузорӣ карда шуда, дар он масъалаҳои роҳу воситаҳои тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавии забони англисӣ, тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавии бо нимтире ва бе нимтире сохташудаи забони англисӣ дар забони тоҷикӣ, дараҷаи муодилнокии

воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва амсоли инҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дарҷ гардидаанд.

Мавриди зикр аст, ки ҷанбаи илмии диссертатсия, чунон ки дар боло ишора рафт қавӣ буда, муаллиф барои таълифи он аз осори таҳқиқии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ хуб истифода бурдааст. Диссертатсия аз лиҳози илмӣ дақиқ буда, таҳлилҳо хеле хуб амалӣ карда шудаанд, ки ин шаҳодат аз он медиҳад, ки мавзуи таҳқиқшаванда аз тарафи муаллиф амиқ ва ҷиддан омӯхта шудааст.

Фишурдаи диссертатсия фарогири мазмуну муҳтавои кори илмӣ буда, аз рӯйи мавзуи таҳқиқ унвонҷӯ масъалаҳо ва хулосаҳои бадастомадаро дар 13 мақола инъикос намудааст, ки аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар баробари арзиши баланди илмиву назариявӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда дар он чанд камбудиҳои ночиз ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо барои боз ҳам боло бурдани арзиши кори илмии мазкур мусоидат менамоянд. Аз ҷумла:

1. Ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқ пажӯҳишҳо аз осори солҳои охир аз назари муҳаққиқ дур мондаанд.
2. Беҳтар мебуд сарчашмаи воҳидҳои мураккаби луғавӣ, ки дар алоҳидагӣ таҳлил шудаанд, ишора карда мешуд.
3. Хуб мебуд, ки дар қисмати хулоса натиҷаҳои бадастомада дар шакли мушаххас нишон дода мешуданд.
4. Ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ мавҷуд аст.

Камбудиҳои дар диссертатсия мавҷудбуда арзиши илмии таҳқиқро коста намегардонад ва онҳо ислоҳшаванда мебошанд.

Аз ин рӯ, қайд кардан бамаврид аст, ки диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар таҳти унвони «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар Душанбе, доктори илмҳои филологӣ

Мухторов Зайнидин Мухторович

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33
Тел.: (992) 907801822
E-mail: mukhtorov67@gmail.com

21.04.2022